Дар хар кишваре ки тассубу хурофот, нодонӣ, чахл ва бовармандӣ ба шаклхои мухталифи истибдод зухур мекунанд, дар он сарзамин хеч хакки озодӣ лабханд нахохад зад. Ин ба он маънист, ки озодиро танхо инсонхои сохибдонишу вораста, ки бо кушишу талош ва чӯёӣ аз рохи хираду андеша тавонистаанд худу чахонро шиносанд дарк карда метавонанд. Миллате, ки барои ӯ вакт ва умр арзише надорад, ӯ наметавонад мохияти вучуди худро дар олами хастӣ ташхис бидихад. Хамчунин хеч гох кушиш ба харч намедихад, то чойгохи худ ва чахони мавчудро аз диди арзишӣ баррасӣ намояд, ӯ хеч замон тан ба фахми хакикат нахохад дод. Камве,  ки афкори баста ва наандешидану бовармандиро бар шууру  андеша тарчех медихад, хеч гох ба хакикати олами хастӣ даст нахохад ёфт, зеро ӯ хислати пӯёиву чӯёиро, ки асли мохиятии инсонанд, махдуд карда ё аз он даст кашидааст.Инсон будан ин сохиби хираду андеша ва тафаккури тахлилӣ будан ва дар ин рох хамеша чӯёву пӯё будан аст. Вакте инсон хираду андеша тафаккури тахлилиро аз даст дод, ё аз онхо даст кашид, шояд махлуки инсонмонанд аст, вале он чун бардае дар ихтиёри касон карор хохад гирифт. Инсоне, ки наметавонад фахму дарки айнӣ аз чахон дошта бошад, ба тарзи табиӣ он аз кистӣ ва чистии худ, мохияти вучуд ва чойгохашро низ дар ин олами нопайдоканор дарку фахм карда наметавонад. Хама чизро бо соддабоварӣ ва балохат кабул мекунад,  Нодонию балохати худро аз рӯи таассуб хамчун хакикати бебахси олами хастӣ баррасӣ мекунад, ки чунин тарзи рафтору муносибат боиси дар тафаккури мардумони огоху донишманд мавриди нописандӣ ва хандахаришу беэътибор шумориданӣ фард, гурухи ичтимоӣ ё халкият мегардад.

Кобили зикр аст, ки дарку фахми дуруст ва баробар ба айнияту вокеияти олам аз сатхи омӯзишу парвариш маншаъ мегирад. Хар кадар дар барномаи таълимии омӯзишу парвариш, дарки хакикату вокеияти чахон дуруст инъикос ёфта бошанд ва онон мавриди дарки дурусти хонанда карор бигиранд, хамон андоза чахонбинию чахонфахмӣ ва сатхи тафаккуру хирадандешӣ ахли чомеа боло меравад ва тағйир меёбад. Баръакс дар хар

чомеае ки омузишу парвариш на дар чорчубахои илмӣ ва маъруфу шинохта шудаи умумибашарӣ ба рох монда шуда бошанд, дар он чо фахм ва дарки галат аз хаводиси табиию ичтимоӣ берун омада, бовармандиву хурофаандешӣ авлаият пайдо мекунад.

Фард ва ё гурухи ичтимоие, ки пайваста дар чустучӯи чунию чароии хаводис аст, хамеша метавонад ба дурустии падидахо, чи тавр сурат гирифтани онхо ва конунмандии дохилии тагйирпазирии онхо пай мебарад. Хар кадар зехни фард дорои пурсишхои бештар бошад, хамеша барои дарёфти маълумоти бештар худро ва нерухои инсонӣ ё хирадии худро сафарбар месозад. Баръакс хар кадар инсон чустучӯгариро аз даст дихад, хамон кадар чахони маънавиаш хурду кучак мешавад. Танхо инсони чӯстугар аст, ки аз неруи зехнию хирадии худ ба тарзи ахсан истифода мекунад. Посухчӯихо фардро мачбур месозад, то чихати дарёфти хакикати падидаю ашёхо нерухои инсонии худро сафарбар созад. Баръакс нафароне, ки зехнияти чустучӯгарро саркӯб месозанд, онхо дар махдудуаи фикрӣ бокӣ мемонанд ва нихоятан соддабовар ва таааccубзадаву хурофотӣ мешаванд. инсоне, ки чустучугариро аз даст медихад дар назараш хамеша бутхои зехние месозад, ки тамоми бузургиву шахоматро ба онхо бахшида ба ибораи дигар мадюну мафтуни сохтахои зехниаш мешавад ва аз худ нерухои инсонӣ ва мохияти инсониаш бехабар мегардад.

Карнхост, ки мардумони сарзамини мо бо чунин навъи тафаккур худӣ ва хувийяташро аз даст додааст. Чунин навъи биниш дар тули карнхо чомеаро дучори сардаргумии хувийятӣ ва фархангӣ намудааст. Ин гуна тафаккур боиси он мешавад, ки хамеша байни чомеа ва рахбарияти сиёсии вакт тафовути зехнӣ ба амал ояд.

Дар дарозои таърих (дар назар аст то омадани инкилоби Бухоро) тамоми низомхои сиёсие, ки сари кудрат омадаанд, онхо бештар аз махдуд кардани тафаккури чустучӯгар шуруъ намудаанд. Кушиш ба харч додаанд, то худро хамчун нафарони бартар ва то андозае кудсию фарозаминӣ чилва диханд ва дар чашми мардумон хамчун як муъчизаи осмонӣ чилва кунанд. Чунин навъи хокимиятхо бештар аз нодонӣ, соддабоварӣ ва яксонандешӣ суд чӯстаанд ва аз ин рӯ хеч гох кушиш ба харч надодаанд, то мардумон дорои зехнияти чустучӯгар ва хирадандеш шаванд. Дар бунёд хар гуна хокимияте, ки мустакар мешавад, он аз номи мардум баромад мекунад, вале бо гузашти вакт онхо чун дарк менамоянд, ки бедонишию соддабоварӣ ва тафаккури баставу хурофотӣ барояшон манфиатовар аст, хамин масирро думболагирӣ мекунанд ва на ба хотири боло бурдани тафаккури ичтимоӣ, ки он пеш аз хама марбут ба абзори хувийятсозии миллӣ аст, кор мегиранд, балки баръакс манфиатхои кучаки замонии худро бар дурнамои рушду тахкими миллӣ таквият медиханд.

Агар ба ташаккулёбии давлатхои миллии аврупоӣ назар афканем хохем дарёфт, ки онхо низ то замони мавчудияти хокимиятхои теократӣ, бахусус то давроне, ки хокимияти сиёсӣ бар дасти рухониён буд, чунин навъи андешаи баста ва соддабоварию камдонишӣ тарчех дода мешуд. Аврупоиён низ бо дарки ин нукта ки илму дониш ва дарки хакикати табиат ба онхо имконияти бештари рушдро мухаё месозад, тасмим гирифтан, ки бештар ба сатху сифати омузишу парвариш таваччух зохир намоянд ва онро ба василаи асосии пшбурди миллатхои худ табдил диханд. Як нукта кобили зикр аст, ки пас аз заволи императории Рим аврупоиён навъи давлатдории миллӣ ва дунявиро рушду такомул доданд. Бадин восита онхо ба натичае расидаанд, ки хар кадар афроди миллат донишмандтар, огохтар, чӯётар ва пӯётар бошад хамон андоза миллат шукуфо мешавад ва пояхои давлатдорӣ мустахкам гардида, иктидори давлат хамчун никходи асосии сиёсӣ чӣ дар дохил ва чӣ дар муносибати байналхалкӣ дорои иктидори бузург мешавад. Пазируфтани низоми демократӣ ва интихобӣ будани рохбарияти сиёсӣ низ махз ба хамин тафаккур алокамандӣ дорад, ки зехниятсозии бутпарастона дар чомеа бархам дода шавад. Хар фард бояд дарк намояд, ки ӯ дорои иктидори бузурги инсонӣ аст ва бо истифодаи дуруст аз ин нерухои инсониаш метавонад ба бузургтарин шахсият табдил ёбад. Яъне набояд ӯ комилан мадюну мафтуни дигархо шуда, асолату мохияти худро аз даст бидихад. Чунин тарзи тафаккур ки аз донишмандони бузурги асри рушангарӣ шуруъ мешавад, тавонистааст дар Аврупо як инкилоби фикриро ба миён оварад ки онхо бештар ба худ такя кунанд ва хар кадоме дарк намояд, ки ӯ дорои тамоми нерухои бузурги инсонӣ аст, ё ба фармудаи Фридрих Нитше ӯ на як инсони оддӣ, балки “абаринсон” ё “фароинсон” аст. Хамин навъи зехниятсозӣ сабаби он гардидааст, ки мавч мавчи донишмандон ва ихтироъкорон ва нухбагони фархангие зухур намоянд, ки аз як тараф мушкили иктисодию сиёсӣ ва ичтимоии чомеаи худро камтар намуда, аз тарафи дигар барои онхо саодатмандӣ ва хамзистии осоиштаро ба миён оваранд.

Баръакс иддае аз чомеахои шаркӣ хамеша мехоханд мукаддассозӣ кунанд ва хам чизро аз диду тафаккури “муъчизасон” чилва диханд. Онхо ба чойи хувийяти миллӣ хувийяти динию бовармандиро тарчех медиханд. Дар чунин навъи чомеа аввалан наметавон аз хакикати табиату чахон огохии дуруст дарёфт. Инсони орӣ аз дарки дурусти табиату чахон наметавонад фарди офаринанда бошад ва чизи наверо ба миён овард. Хамчунин фарди нооогох, ки худро нашнохтааст ба дарки миллияту манофеъи миллӣ расида наметавонад. Аз чониби дигар худи дарку фахми миллият низ на ба он фахмест, ки бардошти вокеӣ аз миллат онро талаб мекунад. Давлатмардони навъи чомеаи тассубиву хурофотӣ бештар кушиш ба харч медиханд, ки манофеи махдуди замонии хешро химоят кунанд ва онро таквият бахшанд. Зеро онхо чунин меандешанд, ки хар замон агар мардум огоху донишманд шавад, метавонад бо тавтеае онхоро аз кудрати сиёсӣ ба поён биёравад ва дар як махдудаи замон тамоми хашмату бузургии худро онхо аз даст диханд, чунин навъи рафтор ва тарсу вахшат дар зехнияти элитахоии хукмрони сиёсии баъзе аз кишвархои шаркӣ чунин хулосаеро ба вучуд меорад, ки боястӣ мардум дар нодонӣ, нотавонӣ ва хурофот гирифтор бошанд.

Исомиддин Шарифзода,

номзади илмхои фалсафа,

мудири кафедраи гуманитарии

Донишгохи технологии Точикистон

Бознашр аз рӯзномаи

“Минбари халк”, №29 аз 26 июли соли 2023